# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).**

Таҳқиқоти ба анҷомёфтаи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи **«Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI»** бахшида шуда он яке аз марҳилаҳои муҳими таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар худ инъикос мекунад. Дар кори ба анҷомрасонидааш муаллиф давраи тақдирсози гузариш аз низоми сохтори шӯравӣ гузариш ба давраи соҳибистиқлолияти ҷумҳурии хешро мавриди омузиши худ қарор додааст.

Охири асри XX ва аввали асри XXI ҳаёти ҷамъиятӣ сиёсӣ аҳолиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ба вуҷуд омадани бuҳрони сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ташаккули низоми нави иқтисодӣ–иҷтимоӣ тавсиф мешавад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи иқтисодӣ–иҷтимоии кишвар дар давраи бозсозӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ, бо дарназардошти таҳлили пайдарпаии таърихӣ ва робитаи мутақобилаи равандҳо, аз нигоҳи илмӣ дар шароити имрӯза аҳамияти махсус ва зарурати мубрам дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки масъалаҳои марбут ба вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ ва солҳои соҳибистиқлолӣ дар корҳои алоҳидаи илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили фарогир ва муқоисавии ин равандҳо дар доираи як тадқиқоти маҷмӯӣ, ки давраҳои шӯравӣ ва истиқлолиятро ба таври пайваста дар бар гирад, то ҳол ба андозаи кофӣ анҷом дода нашудааст.

Ҷанбаъҳои алоҳидаи масъала, аз ҷумла вазъи фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар паҳлуҳои марбут ба рушди ҷомеа, дар корҳои алоҳидаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили мукаммал ва ҳамгирои ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар давраи бозсозӣ ва солҳои истиқлолият, бо дарназардошти пайдарпаии таърихӣ ва робитаи мутақобилаи равандҳо, то ҳол ба андозаи зарурӣ анҷом наёфтааст. Дар ин замина, тадқиқоти пешниҳоднамудаи муаллиф ҳамчун кӯшиши муҳим дар самти ҷамъбаст ва таҳлили низомманди масъала арзёбӣ гардида, дорои аҳамияти муайяни илмӣ мебошад. Хусусан, масоили фарҳангии давраи бозсозӣ дар таҳқиқоти илмӣ аксаран ба таври мустақил ва фарогир мавриди омӯзиш қарор нагирифта, бештар дар доираи баррасии умумии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ё иқтисодӣ инъикос ёфтаанд.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ ба масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ мувофиқат намуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии баланд мебошад. Дар автореферат диссертант шакли мухтасари таҳқиқот, мундариҷаи асосӣ, мантиқи баргузории он ва натиҷаҳои илмии диссертатсияро бо услуби илмӣ ва ба таври возеҳ инъикос намудааст. Омӯзиши автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки байни объект ва предмети таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамбастагии мантиқии амиқ вуҷуд дошта, он ба талаботи муқарраршудаи таҳияи автореферат пурра ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки раванди бозсозӣ, дар Иттиҳоди Шуравӣ боиси ба вуҷуд омадани андешаҳои озодихоҳӣ, ислоҳот ва густариши эҳсоси миллигароӣ гардид. Зеро, ки дар ин давра манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои миллии кишварҳои аъзо ба таври бояду шояд ба инобат гирифта намешуд. Маҳз ҳамин равандҳо заминаи асосии истиқлолияти давлатӣ барои ҳамаи кишварҳои аъзо ва махсусан

Тоҷикистон гардид. Муаллиф дар автореферат қайд менамояд, ки рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин давра ба чанд қисмат ҷудо намуд. Давраи Шуравӣ дар ҳаёти аҳолиҳои ҷумҳурӣ давраи ниҳоят муҳим ва гуногунранг буда, заминаи асосии истиқлоли давлатӣ маҳс Ҳокимияти Шуравӣ гардид, аммо новобаста ба ин дар солҳои 80-ум вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон каме коҳиш ёфт.

Давраи дигар солҳои 90-уми асри гузаштаро дарбар мегирад, ки дар ин давра вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолиҳои ҷумҳурӣ ба буҳрон гирифтор шуда буданд, Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки он бо номи ҷанги шаҳрвандӣ ёдовар мешаваду он дар рушду инкишофи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тамоми соҳаҳо таъсири манфии худро расонид. Ин давра давраи буҳронӣ ва таназзули соҳаҳои мазкур ба ҳисоб меравад. Давраи рушду инкишофи тамоми соҳаҳо ва махсусан соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии халқи тоҷик маҳз баъди ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

Аз солҳои 2000 то солҳои 2016 давраи барқарорсозӣ ва рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, ки ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ бо дастовардҳои арзишманди худ, обрӯ ва нуфузи худро пайдо намуд.

Автореферати диссертатсияи Тиллозода Анваршо инъикоскунандаи мундариҷа, сохтор, дараҷаи омӯзиш, объект, предмет, ҷанбаъҳои назариявӣ ва амалӣ, навгониҳо, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва умуман моҳияти таркиби бобҳо ва зербобҳо мебошад, ки ба талаботи таҳияи автореферати диссертатсияи номзадӣ мувофиқ мебошад. Ҳам матни русӣ ва ҳам матни тоҷикӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, фишурдаи автореферат ба се забон забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, бо методологияи хос навишта шудааст.

Новобаста ба он, ки автореферати диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ омода гардидаву ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, аммо дар он баъзан хатогиҳои ҷузъӣ хатогиҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ низ мушоҳида мешавад.

Ҳамин тариқ, камбудиҳои ошкоршуда арзиши умумии автореферати диссертатсияро коста наменамояд ва муаллифи он Тиллозода Анваршо Абдулҳақ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои таърих, и.в. профессор,
директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии
давлатӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатӣ назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ализода Б.П.**

**Имзои Б.П. Ализодаро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Насурдинзода А.Н.**

26.12.2025

**Суроғаи муассиса:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, Академияи идоракунии
давлатӣ назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, кучаи Саид Носир 33.
E-mail: info@apa.tj
Веб-сайт: https://apa.tj/
Тел: (992 37) 224-17-86; 228-92-20